*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 14 (4597) | ЧОРШАНБЕ, 18 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## НУСРАТБАХШИ ФАРДОИ МИЛЛАТ

**Дар Паёми Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ, ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар тӯли панҷ соли охир мавриди таҳлил қарор дода шуд. Роҳбари давлат иброз доштанд, ки дар ин муддат нақшаву барномаҳои тарҳрезишуда дар самти таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ҳадафмандона амалӣ шуданд.**

Таъкид гардид, ки солҳои охир бинобар вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон инсоният давраи хеле ҳассос ва душворро аз сар мегузаронад ва мусаллаҳшавии бошитобу оғози «ҷанги сард», ба вуҷуд омадани таҳримҳо дар як қатор мамлакатҳо ба иқтисоди ҷаҳон бетаъсир намонда, дар натиҷа занҷири додугирифти молҳои ниёзи мардум канда шуда, болоравии нарх ба назар расид.

Дар Паём зикр гардид, ки ба мушкилоти зикршуда нигоҳ накарда, ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар рушди иқтисоди Тоҷикистон дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард сомонӣ ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд. Аз ин лиҳоз, ин пешравиҳо моро водор месозад, ки боз ҳам қавитар дар атрофи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат сарҷамъ шуда, бо дарки масъулияти баланди ватанпарастӣ дар ободонии кишвар, таҳкими сулҳу ваҳдат ва пешгирии падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ саҳм гузорем. Зеро бо заҳматҳои Сарвари давлат амалӣ гардидани нақшаҳои дурбинона сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 ба 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.

Дар Паём оид ба рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ дар панҷ соли охир, бунёди инфрасохтори ин соҳаҳо, таъмини соҳа бо мутахассисон, ба роҳ мондани истифодаи технологияи ҳозиразамон ва рушди илми миллӣ сухан меравад. Таъкид мешавад, ки танҳо дар панҷ соли охир барои ин соҳаҳо 36 миллиард сомонӣ равона гардида, маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи моддаи якуми Конститутсияи кишвар: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад». Бинобар он, ғамхорӣ дар ҳаққи ниёзмандон, табақаҳои осебпазири ҷомеа, ятимон, афзун гардидани ҳаҷми маош, кумакпулӣ ва нафақа ғамхории навбатии Роҳбари давлат нисбат ба чунин ашхос аст, зеро тавре ки борҳо таъкид шудааст, мақсаду мароми Ҳукумат баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ мебошад. Бо ин мақсад то охири соли 2022 барои 475 ҳазор шаҳрванди ниёзманд, аз ҷумла кӯдакони ятим ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ, кумаки яквақтаинаи молиявӣ дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловагӣ пардохт гардид, ки дар маҷмӯъ 285 млн. сомониро дар бар мегирад.

Дар таъмини сулҳу субот, садоқатмандӣ ба Ватан, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳайати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ нақши арзишманд доранд. Дастур дода шуд, ки аз 1- уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд гардад. Аз ин меҳрубонӣ кормандони соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва гирандагони стипендия ва нафақахӯрон низ баҳраманд гардида, музди маоши онҳо аз 1 - уми июли соли 2023 - юм 20 фоиз, андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз ва андозаи нафақаи суғуртавӣ бо назардошти сатҳи таварруми ду соли охир , вале на камтар аз 16 фоиз зиёд карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба афзоиш ёфтани аҳолии Тоҷикистон назари нек доранд ва бо хушнудӣ зикр карданд, ки дар қиёс ба соли 1991, ки 5 млн. нафар будем, то моҳи июли соли 2022 ба 10 млн. нафар расидем.

Сарвари давлат ҷавононро оянда миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа, посдорандаи анъанаи ниёгон, ҳомӣ ва пуштибони давлату миллат арзёбӣ мекунанд.

Ҳамчунин, дар Паём масъалаи дастгирӣ ва ҳамовозӣ ёфтани пешниҳоди навбатии Пешвои миллат дар Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии СММ 14-уми декабри соли 2022 изҳори андеша карда шуд. Дар ин асос 21-уми март «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», таъсиси Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо дар назди СММ ва соли 2025 доир шудани Конференсияи байналамилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе доир мегардад.

Ин ташаббус идомаи иқдомҳои ҷаҳонии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи эълон гардидани соли 2003 «Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об - барои ҳаёт», соли 2013 «Соли дипломатияи об ё ҳамкорӣ дар масоили об» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» буда дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд.

Дар маҷмӯъ, Паёми Пешвои миллат масъалаҳои муҳими ҳаёти моро фарогир буда, дар самти рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар арзишманд ба ҳисоб меравад ва он барномаи хуби фаъолият баҳри таъмини пешрафти ҷомеа дар солҳои минбаъда маҳсуб меёбад.

**Мурод ШУКУРЗОДА,**
**узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

## ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ҚОНУНИ НАВ ҚАБУЛ ШУД



**Ҳаждаҳуми январи соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа панҷ масъала пешниҳод шудааст. Доир ба он пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам нисбат ба он мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Раванди босуръати инкишофи муносибатҳои устувори иқтисодӣ, рушди технологияҳои муосир ва усулҳои нави хизматрасонии молиявӣ ба такмил ёфтани тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (минбаъд - ФАТФ) боис гардида, яке аз омилҳои муайянкунандаи такмил ва дар таҳрири нав пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба ҳисоб меравад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ҳанӯз соли 2011 қабул гардида, дар тӯли ин солҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ тағйироти назаррас ба амал омада, усулҳои нави хизматрасониҳои молиявӣ пайдо гардиданд. Инчунин, дар тавсияҳои ФАТФ низ, ки стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт ба ҳисоб мераванд, бо рушди хизматрасониҳои молиявӣ як қатор тағйирот ворид гардиданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

## ЗАРУРАТИ АТТЕСТАТСИЯИ КОРМАНДОНИ ИЛМИИ ТАХАССУСИ ОЛӢ

**Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба Маҷлиси Олии кишвар ва тамоми сокинони Тоҷикистон ироа гардид, ҳуҷҷати барномавию сарнавиштсоз буда, ҳар сатри он оҳанги некбинонаю ҳидояткунанда дорад. Президенти мамлакат дар Паёмашон тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла вазъияти байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро амиқу ҳамаҷониба таҳлил ва бозгӯ намуданд.**

Дар Паёми навбатӣ, хусусан, ба масъалаҳои рушду таҳкими самти иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Чунончи, таъкид мешавад: «... дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст».

Албатта, афзудани шумораи мутахассисини тамоми зинаҳои таҳсилот, тайёр кардани кадрҳо, таъсиси муассисаҳои таҳсилотии нав, бунёди биноҳои нави таълимӣ, озмоишгоҳу пойгоҳҳои таълимӣ ва илмӣ сарфи маблағҳои нав ба нав ва хароҷотро дар пай доранд. Аз ин ҷост, ки соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардид, ки он нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, тақрибан 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил додааст.

Имрӯз ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки нақши дастовардҳои илмии олимони кишвар дар пешравии иқтисодиёти миллӣ чандон назаррас нестанд. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз назаррас набудани ҳиссаи олимони кишвар дар пешбурди иқтисодиёти мамлакат изҳори нигаронӣ карда, чунин даъват ба амал оварданд: «Бо истифода аз имкониятҳое, ки Давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилотӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ, техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд». Воқеан, Президенти мамлакат аз олимони кишвар интизории бештаре доранд, зеро сатҳу савияи таҳқиқоти илмӣ дар мамлакат ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Зимнан, фаъолияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баҳогузории таҳқиқоти диссертатсионии олимони кишвар иртибот дорад. Мутаассифона, бояд қайд намуд, ки аз таҳқиқоти диссертатсионии дар шӯроҳои диссертатсионӣ ҳимояшаванда (рисолаҳои илмии докторӣ ва номзадӣ) ҳанӯз таҳқиқоти илмии дорои дастовардҳои беназир, ки илми ватанӣ аз он ифтихор карда, миллатро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд, ба майдон наомадааст. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат дар Паёмашон ба вазорату ниҳодҳои дахлдор амалӣ сохтани тадбирҳоро ҷиҳати «... васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисиони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ» таъкид карданд.

Таҳлилу хулосабарорӣ ва бардошт аз таҳқиқоти диссертатсионии олимон нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ ба беҳбудӣ ниёз доранд. Аксар мавзӯъҳо, таҳқиқоти анҷомдодашуда аз мубрамӣ дур буда, ҷанбаъҳои илмиашон хеле заифанд. Дар баъзе шӯроҳои диссертатсионӣ ба ин тарафи масъала кам аҳамият дода, диссертатсияҳои номукаммалро бидуни муҳокимаи ҷиддӣ ва ҳамаҷониба ба ҳимоя роҳ медиҳанд. Роҳбарони илмӣ ба шогирдон ва корҳои диссертатсионии онҳо кам таваҷҷуҳ намуда, навиштаҳояшонро бодиққат намехонанд.

Алҳол дар назди комиссия 70 шӯрои диссертатсионӣ амал мекунад, ки аз рӯи зиёда аз 169 ихтисос диссертатсия қабул карда метавонанд. Зиёда аз ин, аз рӯи он ихтисосҳое, ки дар мамлакат бо сабаби нарасидани мутахассисон имконияти таъсиси шӯрои диссертатсионӣ нест, комиссия метавонад дар шӯроҳои диссертатсионии амалкунандаи ҳамҷавор барои довталабони чунин ихтисосҳо ҳимояи якдафъаина ташкил намояд.

Мутаассифона, баъзе олимони кишвар мавҷудияти «КОА»-и миллиро як навъ омили асосию сабукбории ҳимояи диссертатсияҳо қабул кардаанд, ки ин мутлақо ғалат аст. Илм, дастовардҳои нави илмӣ ҳар ҷое, ки бошад, кори саҳлу сода нест ва он меҳнату машаққат, бедорхобию аз худ гузаштанҳоро дар пай дорад. Ба таъсиси «КОА»-и миллӣ Президенти мамлакат мушкилоти сарсонию саргардонии ҷавонони илмдӯсти миллатро ҳаллу фасл карданд, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки корҳои таҳқиқоти илмии бебунёду камарзиш ба шӯроҳои диссертатсионӣ роҳ ёфта, бо ҳар роҳу василаи осон аз ҳимоя гузаранд. Баръакс, таҳқиқоти диссертатсионии ҷавонон бояд ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаллу амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат равона шуда бошанд.

Ҳарчанд аз ҷониби комиссия борҳо таъкид мегардад, ки ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзӯъҳои мубрам, муносиб ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои стратегии мамлакат интихоб карда шаванд, вале ҳамоно ба комиссия диссертатсияҳое ворид мешаванд, ки ба ниёзҳои имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ нестанд.

Дар ин раванд баъзан олимон дидаю дониста, ба саҳлангорӣ, шитобкорӣ ва баъзан ба сохтакорӣ ҳам даст мезананд, диссертатсияҳоро дуруст ва то охир таҳлил намекунанд. Шӯроҳои диссертатсионӣ гоҳе хунукназарӣ карда, таҳқиқоти хому камарзишро ҷиддӣ муҳокима намекунанд ва ба ҳимояи онҳо иҷозат медиҳанд.

Чаро олимон бо шогирдонашон он масъалаҳои мубрамеро, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ишора карданд, мавриди пажӯҳиш қарор надиҳанд? Ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар лобалои муборизаҳои геополитикии абарқудратҳо, бархӯрди пуршиддати тамаддунҳо, ҷангҳои иттилоотию мафкуравӣ ва дар ин шароит ҳифз намудани фарҳанги пурғановату арзишҳои миллӣ, пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои диниву экстремистӣ, таъсири мусбату манфии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷомеа, иқтисодиёти сабзу рақамӣ, энергияи бозтавлидшаванда, гармшавии иқлим ва таъсири он ба инсон ва табиат, ҳифзи пиряххо ва даҳҳо мавзӯъҳои мубраме мавҷуданд, ки пажӯҳишгарони худро интизоранд. Вале афсӯс, ки олимони мо камҳавсалагӣ намуда, ба ин мавзӯъҳо камтар рӯ меоранд. Гоҳе таҳқиқоти диссертатсионие ба комиссия ворид мешаванд, ки бо асосҳои конститутсионии давлат мухолифат карда, омили сулҳу суботи ҷомеа нестанд ва дар онҳо ангезаҳои тарғибу ташвиқи мазҳабию динӣ бештар мушоҳида мегардад, ҳоло он ки илм бояд ба таҳқиқоти дунявӣ ва бунёдӣ такя карда, ба қувваи истеҳсолкунанда табдил ёбад, яъне муҳаррике гардад, ки ҷомеаро ба пеш бурда, зиндагии хубу шоистаеро барои мардум пешкаш менамояд. Рисолати илму олимони кишвар бояд чунин бошад.

Яке аз масъалаҳои дигари мубрам, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карданд, ба зинаҳои гуногуни таҳсил фаро гирифтани занону бонувон буд.

- Дар 21 соли охир, - қайд гардидааст дар Паём - беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон зинаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд.

Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки аз теъдоди умумии 5294 дорандаи дараҷаи илмӣ 1453 нафарашон (27%) занҳо буда, 128 нафари онҳо (15% аз ҳиссаи умумии доктoрон) докторҳои илм мебошанд. Танҳо дар 4 - 5 соли охир дар шӯроҳои диссертатсионии «КОА»-и миллӣ 394 нафар занону бонувон бомуваффақият рисолаҳои илмӣ ҳимоя карда, аз онҳо 15 нафар соҳиби дараҷаи доктори илм, 355 нафар сазовори дараҷаи номзади илм ва 24 нафари дигар соҳиби дараҷаи доктор PhD шудаанд. Аз ин шумора 47 нафар дар самти илмҳои дақиқу техникӣ, 91 нафар дар самти илмҳои тиббӣ - биологӣ ва 256 нафар дар самти илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ рисолаи илмӣ ҳимоя кардаанд. Ба баёни дигар, аз теътоди умумии занҳое, ки рисолаҳои илмӣ ҳимоя кардаанд, 12% ба самти илмҳои дақиқу техникӣ, 23% ба самти илмҳои тиббӣ - биологӣ ва 65% ба самти илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ рост меояд.

Қобили қайд аст, ки аз миқдори умумии рисолаҳои илмии дар «КОА»-и миллӣ ҳимояшуда 14% диссертатсияҳои докторӣ, 30% диссертатсияҳои номзадӣ ва 27% доктор PhD ба занҳо иртибот дорад. Вале ин теъдод ҳанӯз кифоя нест.

Ҳоло дар иқтисоди миллии кишвар бисёр соҳаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо кадрҳои баландихтисосу дорои дараҷаҳои илмӣ ё намерасанд ё ангуштшуморанд. Ихтисосҳое мавҷуданд, ки дар онҳо мо тамоман мутахассис надорем. Муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии мамлакатро зарур аст, ки сари ин масъала ҷиддӣ андеша намоянд. Маҳз хамин нуктаи муҳимро ба назар гирифта, Роҳбари давлат дар Паёми имсола ба ниҳодҳои дахлдор дастур доданд: «... вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳоди мушаххас манзур намоянд».

Инчунин, дар Паём барҳақ таъкид шудааст, ки «...равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ мондааст...» ва онҳо «...боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад».

Дар чунин шароит Тоҷикистон бо кадрҳои баландихтисосу олимони пурмаҳсулу фидокор, заҳматталабу ватандӯст ва дорои ҳисси баланди миллӣ, беш аз ҳарвақта, ниёз дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон таъкид карданд, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо: «...мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем».

**А. РОЗИҚЗОДА,**
**раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон**

# ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ҚОНУНИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Новобаста ба он ки то ба имрӯз панҷ маротиба тағйироту иловаҳо ба қонуни амалкунанда ворид карда шудаанд, аммо пайваста аз ҷониби коршиносон ва намояндагони институтҳои байналмилалӣ оид ба пурра ҷавобгӯ набудани он эродҳо гирифта мешуданд. Номукаммалӣ ва камбудиҳои ҷойдоштаи қонунгузории кишвар дар ин самт, инчунин зиёд шудани хавфу хатарҳо дар минтақа ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хусусан бо бонкҳои хориҷӣ низ, таъсири манфӣ мерасонад.



Барои мутобиқ намудани қонун ба талаботи муосир, аз ҷумла ба тавсияҳои ФАТФ ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта, ба матни он бояд тағйиру иловаҳои зиёд дохил карда мешуд, ки он зиёда аз нисфи матни онро ташкил намуд. Бинобар ин, бо назардошти талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқи мақсад шуморида шуд, ки қонуни мазкур дар таҳрири нав таҳия карда шавад. Аз ин рӯ, лоиҳаи қонун бо кумаки техникии Хазинаи байналмилалии асъор ва коршиносони сатҳи байналмилалӣ таҳия гардида, зимни таҳияи он таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти татбиқи тавсияҳои ФАТФ аксаран ба назар гирифта шудааст. Агар қонуни амалкунанда аз 5 боб ва 20 модда иборат бошад, лоиҳаи қонун дар таҳрири нав 9 боб ва 43 моддаро дар бар мегирад, ки баёнгари тағйироти назаррас мебошад. Дар он мафҳумҳои асосӣ бо тарзи нави аз қонуни амалкунанда фарқкунанда оварда шудаанд. Масалан, ҷумлаи «ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд» ба истилоҳи «субъекти ҳисоботдиҳанда» иваз гардидааст, зеро шахсони воқеие (масалан, аудиторони инфиродӣ, нотариусҳо, адвокатҳо ва ғайра), ки бо маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, ҳарчанд ташкилот нестанд, вале муқарраroти қонуни амалкунандаи соҳаи мазкур нисбат ба онҳо бояд татбиқ гардида, ҳисоботдиҳанда бошанд. Мафҳумҳои «маблағгузории терроризм», «маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» бо талаботи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд. Мафҳумҳои «молик-бенефитсиар», «шахсони бонуфузи сиёсӣ», «молу мулк», «мониторинги молиявӣ», «ғайрифаъолгардонӣ» бо назардошти талаботи тавсияҳои ФАТФ ва дигар санадҳои байналмилалии эътирофгардида мушаххасу мукаммал гардонида шуданд. Инчунин, дар лоиҳа мафҳумҳои нав аз қабили «рӯйхати таҳримҳо», «муносибатҳои корӣ», «муносибатҳои муросилотии бонкӣ», «гурӯҳи молиявӣ», «контрагентҳои хориҷӣ», «созмонҳои ҳуқуқии хориҷӣ», «дороиҳои маҷозӣ», «равиши ба хавф нигаронидашуда» ва ғайраҳо пешбинӣ шудаанд.

Дар лоиҳа чораҳои пешгирикунандаи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мушаххасан оварда шуда, дар баробари ин ба субъектони ҳисоботдиҳанда дар амалӣ кардани ин чораҳо низ сабукиҳо пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, бо назардошти равиши ба хавф нигаронидашуда гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ пешбинӣ гардидааст. Талаботи мазкур барои рушди босуботи хизматрасониҳои молиявӣ равона гардида, имкон медиҳад, ки ҳангоми дараҷаи баланди хавф чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ андешида шуда, дар ҳолати паст будани хавфҳо сабукиҳо дар амалӣ кардани ин чораҳо муқаррар карда мешаванд. Инчунин, хизматрасониҳои молиявӣ тарафт рушд намуда, роҳу усулҳои нави пешниҳоди онҳо ба миён омадаанд, ки баъзе меъёрҳои қонуни амалкунанда барои рушди минбаъдаи онҳо монеа мегардад. Чунончи, мутобиқи банди 7) қисми 2 моддаи 5 қонуни амалкунанда, ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда зимни гузаронидани чораҳо оид ба санҷиши дахлдори муштарӣ ҳуқуқ надоранд ба миёнаравон ё тарафи дигари сеюм умед банданд. Муқарраroти мазкур барои рушди хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои наву замонавӣ ва роҳҳои фосилавии пешниҳоди онҳо, монеа эҷод намудааст, гарчанде чунин усул аллакай дар бисёр давлатҳо иҷозат дода шуда, пурра роҳандозӣ гардидааст. Ҳамчунин, ҷалби миёнаравон ё тарафи дигари сеюм зимни гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ метавонад барои васеъ гардидани доира ва маҳали хизматрасонии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ, беҳтар гардонидани сатҳи хизматрасонӣ, коҳиш додани хароҷот ва мувофиқан баланд гардидани қобилияти рақобатпазирии онҳо оварда расонад. Аз ин рӯ, дар лоиҳаи қонун ҷалби тарафи сеюм барои гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ иҷозат дода шудааст, ки шартҳои он бо санади зерқонунӣ танзим карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар тавсияҳои ФАТФ, бахусус дар тавсияи 17, умед бастан ба тарафи сеюмро барои андешидани чораҳои санҷиши дахлдори муштарӣ манъ накарда, танҳо танзими онро тибқи талаботи муқарраршуда талаб мекунад, ки он дар лоиҳаи қонун ба инобат гирифта шудааст.

Инчунин, як қатор навгониҳои ҷиддӣ дар масъалаҳои назорат дар самти танзими қонун, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва вазифаҳои мақоми ваколатдор ва мақомоти назоратӣ, инчунин доир ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом пешбинӣ шуда, мутобиқ ба талаботи тавсияҳои ФАТФ танзим гардидаанд.

Лоиҳаи қонун бо назардошти тавсияҳои ФАТФ ва дигар стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт, талаботи муосир ва воқеияти имрӯза таҳия гардида, қабули он, қабл аз ҳама, барои тақвият бахшидани низоми миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, иҷрои уҳдадориҳои кишвар дар ин самт ва баланд бардоштани рейтинги кишвар вобаста ба амалӣ намудани талаботи тавсияҳои ФАТФ, инчунин ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 даври дуюми баҳогузории тарафайни Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро (ГАО) гузаронид ва ҳисоботи он дар ҷаласаи 29-уми пленарии ГАО, ки моҳи ноябри соли 2018 дар шаҳри Минск баргузор шуд, тасдиқ гардид. Дар натиҷа, Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои талаботи тавсияҳои ФАТФ, аз ҷумла дар қисми мутобиқати техникӣ аз 40 тавсия ба 27-тои он баҳои мусбати комилан мутобиқ ва мутобиқи назаррас гузошта шуда, як тавсия татбиқнашаванда арзёбӣ гардида, 12 тавсияи дигар қисман манфӣ баҳогузорӣ гардидаанд.

Тибқи тартиб, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мунтазам ҳисобот оид ба пешрафтро ба Гурӯҳи АвруОсиё вобаста ба рафъи камбудиҳои зимни баҳодиҳии тарафайн ошкоргардида манзур намояд. То кунун ба Гурӯҳи АвруОсиё се маротиба ҳисобот оид ба пешрафт манзур гардидааст, ки танҳо дар як ҳисобот баланд бардоштани рейтинги кишвар аз рӯи баъзе тавсияҳои ФАТФ дархост шудааст.

Ҳангоми қабули қонуни пешниҳодшуда имкон пайдо мегардад, ки ҳисоботи навбатӣ оид ба пешрафт ба Гурӯҳи АвруОсиё аз рӯи як қатор тавсияҳое, ки манфӣ арзёбӣ гардидаанд, бо дархости баланд бардоштани рейтинги кишвар манзур карда шаванд.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад ва қабулу татбиқи он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо зуҳуроти номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ – ҷинояткории фаромиллӣ рӯ ба рӯ шуда, мубориза бо ҷиноятокориро ба сифати афзалияти сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар эълон намуд. Ҳанӯз соли 1998 дар ҷумҳурӣ қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ба сифати кирдори ҷиноятӣ эътироф гардида, ҷавобгарӣ барои он муқаррар карда шуд. Бо назардошти хусусияти фаромиллӣ доштани ҷиноятҳои алоқаманд бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, маблағгузории он низ зарурати ҳамоҳанг сохтани низоми муқовимати давлатҳоро дар самти мазкур тақозо менамояд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқии глобалӣ ва минтақавиро эътироф намудааст. Аз ҷумла, «Конвенсияи СММ дар бораи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар ва прекурсорҳо» аз соли 1988, «Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи муқовимат бо маблағгузории терроризм» аз соли 1999, «Конвенсияи СММ оид ба муқовимат бо ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ» аз соли 2000, «Конвенсияи СММ дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз соли 2003, «Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба муқобили терроризм» ва амсоли инҳо.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2004 узв ва яке аз муассисони Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) мебошад, ки ин ташкилот яке аз мақоми минтақавии Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) буда, фаъолияташро ба ҳамоҳангкунии низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом равона намудааст.



Тавсияҳои ФАТФ стандартҳои байналмилалии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ба ҳисоб мераванд ва риояи онҳо ба давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид тибқи қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид таҳти №1617 (2005) ва №2462 (2019) ҳатмӣ мебошанд.

Имрӯз бо итминони комил метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон қонунгузории муосир қабул ва чораҳои ташкилии мувофиқ дар самти муқовимат бо қонунигардонӣ (расмикунонӣ) - и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом андешида шудаанд, ки иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлатро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, рушди технологияҳои муосир ва такмили роҳу усулҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ таҳдиди механизмҳои мубориза бо чунин зуҳуроти номатлубро тақозо дорад.

Зарурати дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» пеш аз ҳама мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои ФАТФ мебошад. Бинобар ин, лоиҳаи қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» соли 2011 қабул шуда, вазифаашро иҷро кард. Дар ҷумҳурӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат ба ин зуҳуротии номатлуб барпо карда шудаанд. Ҳамзамон, дар тӯли ин солҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар ва амалияи байналмилалӣ дигаргуниҳои зиёд ба амал омада, тавсияҳои ФАТФ низ такмил ёфтаанд, ки тағйир намудани қонунгузории соҳавиро тақозо менамоянд.

Лоиҳаи қонун бо назардошти тавсияҳои ФАТФ омода гашта, қабули он, қабл аз ҳама, барои тақвият бахшидани низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ) - и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва баланд бардоштани рейтинги кишвар вобаста ба амалӣ намудани талаботи тавсияҳои ФАТФ, инчунин ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат хоҳад кард. Зимни таҳияи лоиҳаи қонун таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти татбиқи тавсияҳои ФАТФ ба назар гирифта шудааст.

Лоиҳаи қонун аз 9 боб ва 43 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқию ташкилии пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат, таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 - уми ноябри соли 2022 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили лоиҳа 147 таклиф пешниҳод гардид, ки, дар маҷмӯъ, ба назар гирифта шуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 11 – уми январи соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардида, он асосҳои ҳуқуқию ташкилии пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро муқаррар намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат, таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Солҳои 2020-2021 аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва «Дар бораи муқовимат ба терроризм» дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки лоиҳаи баррасишаванда давоми мантиқии қабули лоиҳаҳои зикршуда доир ба муқовимат ба намуди ҷиноятҳои дар қонун танзимшаванда ба шумор меравад.

Аз мазмуни моддаи 3 қонуни мазкур бармеояд, ки он ба амалҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, бо назардошти меъёрҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, субъектҳои ҳисоботдиҳанда, аз ҷумла филиал ва намояндагиҳои онҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва созмонҳои ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар амалиёт бо маблағҳои пулӣ ва дороиҳои дигар иштирок мекунанд, мақомоти давлатие, ки ба зиммаи онҳо уҳдадории муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва (ё) маблағгузории терроризм ва (ё) маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом вогузор шудааст, анҷом дода шуда, татбиқ мегардад.

Дар лоиҳаи қонуни баррасишаванда бо мақсади ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) дар татбиқи стандартҳои муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дастурамал доир ба ҳамкориҳо бо мақомоти зикршуда аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон омода карда шудааст, ки он барои татбиқи ҳамаҷонибаи меъёрҳои қонун равона карда мешавад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ВАТАНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуне, ки мавриди баррасии мо қарор дорад, барои дар амал ҷорӣ намудани механизми пешгирӣ намудани қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда аҳамияти хоса дорад, зеро дар он, пеш аз ҳама, худи мафҳуми маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда возеҳ нишон дода шудааст. Инчунин, тартиби аз муомилот берун кардани чунин маблағҳо, пешгирӣ намудани ба муомилоти қонунӣ ворид кардани маблағҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, аҳамияти хоса дорад. Дар баромадҳои раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод бештар дар бораи аҳамияти байналмилалии ин лоиҳаи қонун сухан рафт. Воқеан, дар рушди Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ қабули ин санад бениҳоят аҳамият дорад, зеро вобаста ба он ки мавқеи Тоҷикистон дар муқовимат ба қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда чӣ гуна арзёбӣ мегардад, бисёр институтҳои ҷаҳонӣ ба он нигоҳ карда, бо давлати мо ҳамкорӣ мекунанд. Рейтинги Тоҷикистон дар ин самт боло бошад, ҳамкории ташкилотҳои молиявӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар мегардад, ки он албатта, барои рушди ҷомеа мусоидат мекунад.

Нуктаи дигарро бояд қайд кунам, ки дар қонуни мазкур на танҳо механизми мукаммали муқовимат ба қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом нишон дода шудааст, инчунин дар он ба таври возеҳ вазифаҳои мақомотҳо ва субъектҳои ҳисоботдиҳанда ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст. Бинобар аҳамияти санади мазкур дар рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боб ба боб, модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро яклухт ба овоз мемонам.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблаггузории терроризм ва маблаггузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблаггузории терроризм ва маблаггузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» 2-юми августи соли 2011 қабул гардида, то имрӯз бо тағйиру иловаҳое, ки ҷиҳати ба талаботи муносибатҳои пайваста рушдкунандаи низоми бонкию молиявӣ мутобиқ намудани он дар солҳои 2015 ва 2018 қабул шудаанд, амал карда истодааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва бо иштироки мутахассисони ҷалбнамудаи Бонки ҷаҳонӣ таҳия гардида, ҷиҳати иҷрои чораҳои пешакии зербарномаи дуюми Матритсаи чораҳои сиёсии «Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ»-и Бонки осиёии рушд ба баррасии шумо пешниҳод карда мешавад. Қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар самти суғуртаи пасандозҳо тағйиру иловаҳои зеринро ба амал меорад: доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғуртакунӣ фаро гирифта мешаванд. Бинобар ин, номи қонун ҳамчун - «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» пешниҳод карда шуда, хазина низ Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон номгузорӣ карда шудааст. Дар номи «хазина» истифодаи номи «Тоҷикистон» бо назардошти дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқаррарӣ ва маъмул будани чунин ишора, ки мансубияти ҳудудию давлатии онро мушаххас мекунад, пешниҳод карда шудааст. Бо мақсади дар қонунҳои алоҳида ба назар гирифтани номи ивазшавандаи қонун ва хазина, тағйирот ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Бо назардошти васеъ гардидани доираи объектҳои ҳатмии суғурта ва субъектони суғурташаванда, бо лоиҳа истилоҳоти алоҳидаи матни қонуни амалкунанда, аз ҷумла «пасандоздор», «пасандозҳои суғурташуда» мутобиқи муҳтавои лоиҳаи қонун дар таҳрири нав ифода карда шуда, шарҳи мафҳумҳо ба монанди «амонат», «низоми суғуртаи амонату пасандозҳо» ва «бонк-агент» илова карда шудаанд.

Барои мушаххас кардани ташкили ҳамкорӣ ва муносибати хазина бо ташкилотҳои қарзӣ, ки бояд ба таври ҳатмӣ ва бидуни шартномаи ҳамкорӣ сурат гирад, қисми якуми моддаи 4 дар таҳрири нав баён шудааст.

Таҳрири нави моддаи 7-ум, манбаъҳои маблағҳои хазинаро аз ҳисоби илова гардидани маблағи қарзи гирифташуда ва маблағи ба хазина вогузоршуда, ки дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои хазина ва ба пасандоздорон пардохт намудани ҷубронпулӣ ба даст омадааст, нисбатан васеъ намуда, инчунин ваколати Шӯрои нозирони хазинаро доир ба кам кардан ё боздошти супоридани пардохтҳои тақвимӣ дар сурати аз ҳафт фоизи маблағи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда зиёд гардидани андозаи ниҳоии маблағҳои хазина махсус пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, бо мақсади нигоҳдории устувории молиявии хазина ҷиҳати иҷрои вазифаҳои қонунии он, дар ҳамин модда муқарраroт оид ба андозаи ҳадди ақали маблағҳои хазина илова карда шудааст.

Ҳамкории хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон оид ба кушодани суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар таҳрири нави моддаи 9 мушаххас пешбинӣ карда мешавад.

Воситаҳои молиявии сармоягузории хазина бо илова шудани амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки дорои яке аз ду рейтинги баландтарини агентиҳои рейтингӣ мебошанд, коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо саҳм дорад, дар таҳрири нави моддаи 10 васеъ мегарданд.

Инчунин, бо мақсади таъмини пардохтпазирӣ ҳангоми пардохти ҷубронпулии амонату пасандозҳои суғурташуда ва ё пардохти уҳдадориҳои хазина, ҳуқуқи он вобаста ба иштирок дар амалиётҳои РЕПО иҷозат дода мешавад.

Дар натиҷаи такмили моддаи 15-ум, аз пардохти ҳаққи узвият озод будани ташкилоти қарзии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсисёфта, ба истиснои табдилдиҳӣ, инчунин бонки мутавассит муқаррар карда мешавад, ки ҳолати сабуккунанда мебошад.

Ҳамкории хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар натиҷаи риоя нагардидани талаботи қонуни мазкур оид ба мӯҳлатҳои анҷом додани пардохтҳо ва пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ҳамчун самти муҳим бо такмил додани моддаи 20 мушаххас танзим карда мешавад.

Таҳрири нави моддаи $21^1$ доираи объекти ҳатмии суғуртаро муайян намуда, ҷиҳати пешгирии шарҳи гуногуни он, ҳамзамон объектҳоеро, ки объекти ҳатмии суғурта намебошанд, мушаххас менамояд.

Тибқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ, бо пули миллӣ на бештар аз 500 (панҷсад) ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 (сесаду панҷоҳ) нишондиҳанда муқаррар шудааст. Бо лоиҳаи қонун моддаи мазкур такмил дода шуда, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ новобаста аз асъор ва субъект дар як андоза, яъне на бештар аз 35000 (сию панҷ ҳазор) сомонӣ муқаррар карда шудааст, ки барои аҳолӣ ва пасандоздорон равшан ва фаҳмо буда, инчунин баробарии амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷиро таъмин менамояд. Тибқи илова ба моддаи мазкур андозаи ҷубронпулӣ, ки дар ҳамин модда муайян шудааст, давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се сол бо дарназардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар сурати зарур шумоеридан аз нав дида баромада мешавад.

Таҳрири нави сарҳати дуюми қисми 2 моддаи 26 ҳолатҳои тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулиро ҳангоми дар хориҷи кишвар, дар хизмати ҳарбӣ, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани пасандоздор, ҳамчунин бо сабабҳои ба мерос алоқаманд, ки ба пасандоздор ҷиҳати гирифтани ҷубронпулии суғурта барои сари вақт муроҷиат кардан имкон надода бошад, мушаххас пешбинӣ менамояд.

Ҳуқуқи хазина барои соҳиб шудани ҳуқуқи қарздеҳ нисбат ба ташкилоти қарзӣ пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта бо такмил додани қисми 1 моддаи 31 мушаххас карда шудааст. Зеро дар таҷрибаи судӣ вобаста ба ин масъала гуногунфаҳмӣ ҷой дошта, ҳолатҳои бо санадҳои судӣ инкор намудани чунин ҳуқуқи дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ маъмул ба амал омаданд.

Ваколатҳои шӯрои нозирони хазина барои кам кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ ва муваққатан боздоштани пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ, ки таҳти батанзимдорорӣ қарор дорад ё тибқи нақшаи солимгардонии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда фаъолият дорад, инчунин барои муқаррар кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ то 0,5 фоиз бо мақсади барқароркунии маблағҳои хазина ва иҷро кардани уҳдадориҳои он аз рӯи қарзҳои ҷалбшуда бо тағйиру иловаҳо ба моддаи 35 мушаххас карда шудааст.

Бо мақсади пурзӯр кардани идоракунии корпоративӣ дар хазина ва ҷорӣ намудани раванди ташкили назорати дохилӣ бо илова намудани моддаи $40^1$ фаъолияти аудити дохилӣ пешбинӣ ва танзим карда мешавад.

Ҳамчунин, ба як қатор моддаҳои алоҳида тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки онҳо ҷиҳати мукаммалгардонӣ ва аз байн бурдани такроршавии баъзе муқарраroт, бартараф намудани камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар назар аст, ки пас аз қабули лоиҳаи қонуни мазкур фаъолияти Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ҷанбаҳои хуби таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифта, дастгирии молиявии муштариён ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ бо афзудани ҷуброни суғурта ва бо фарогирии шахсони воқеӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ беҳтар ва самарабахш гардида, ҷиҳати бештар ва устувор гардидани боварӣ ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Бо назардошти ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ менамудед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гиёзода Азиз Қодир дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, он бо мақсади ба суғурта фаро гирифтани суратҳисобҳои амонатию пасандозии шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таҳия гардидааст, ки ҳадаф ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорон тавассути васеъ на-



мудани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон, дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии дорои мақсадҳои умумии муфид, инчунин баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ва афзоиши ҷалби амонату пасандозҳо ба низоми бонкӣ мебошад.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ карда, 86 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 30-тоаш қабул, 20-тоаш қисман қабул ва 36-тоаш қабул нагардид. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонун бо назардошти таклифу пешниҳодҳои манзурнамудаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, услуби баён, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ таҳрир карда шуд. Дар ин асно, бархе аз меъёрҳои моддаҳои алоҳидаи он такмил дода шуд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ карда, ба тарафдориаш овоз диҳед.

# ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ҚОНУНИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъала сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таҳия шуда, ба баррасии шумо пешниҳод гардида, мақсади он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» пешбинӣ намудани номи тағйирёфтаи «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» ва номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» мебошад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, он бо назардошти ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва тағйир ёфтани номи «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ ва ду таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо яктоаш қабул шуд.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвар ҚУРБОНИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» пешниҳод мегардад, ки бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар таҳия шудааст.

Бо дарназардошти пешбинӣ гардидани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва тағйир ёфтани номи он аз «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон», инчунин васеъ гардидани сатҳи фарогирии суғуртавӣ зарурати мутобиқсозии онҳо ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба миён омад. Тағйироти пешбинишуда хусусияти таҳрирӣ дошта, мутобиқсозӣ ва мукаммал кардани талаботи қонунгузории боҷи давлатиро пешбинӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо, муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашӯрзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Лоиҳаи қонун бо назардошти ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва тағйир ёфтани номи «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» пешниҳод гардида, онро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карданд. Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи онро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдориаш овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монд шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъала сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвар ҚУРБОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти ворид гардидани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва тағйир ёфтани номи «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон», инчунин васеъ гардидани сатҳи фарогирии суғуртавӣ зарурати мутобиқсозии он ба муқаррароти Кодекси андоз ба миён омад. Тағйироти пешбинишуда хусусияти таҳрирӣ дошта, мутобиқсозӣ ва мукаммал намудани талаботи қонунгузории андозро пешбинӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо, муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонун бо назардошти ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва тағйир ёфтани номи «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карданд. Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

Зикри хайр



**Дар бораи фаъолияти олими муътабар Суҳроб Шарипов бисёр навиштаанд. Зеро номбурда дар дилхоҳ мақоме, ки фаъолият дошт, худро шахси ботаҳаммулу кордон, далеру нотарс нишон дода буд. Ӯ баробари ба омӯхтани таърихи гузаштаи халқи худ машғул будан, роҳу равиши фаъолиятро бо назардошти пешрафти ҷомеа ҷустуҷӯ мекард. Сохти нави ҷамъиятӣ ва воқеияти солҳои 90-уми асри XX нишон дод, ки кишварамон вобаста ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд маҷрои нав дошта бошад ва тамоми санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асоси он таҳия шавад.**

# САДОҚАТУ ҶАСОРАТ МАРОМИ ЗИНДАГИАШ БУД

Кӯшишу ғайрати Суҳроб Шарипов ба ӯ имкон дод, ки дар такмилу таҳияи ин раванд саҳми арзанда гузорад. Номбурда аз аввалин рӯзҳои ба сиёсат қадам мондан пайрав ва ёвари Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Мунтазам таъкид ва талқин менамуд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадори навовару боҷуръат мебошанд, шахсияте ҳастанд, ки барояшон манфиатҳои Ватану миллату давлат аз ҳама чиз муқаддас аст.

- Пас вазифаи ҷонии мо он аст, ки дар атрофи Роҳбари мамлакат муттаҳид бошем. Фақат муттаҳидӣ, ягонагӣ, ҳиссиёти баланди миллӣ доштан ва аз як гиребон сар баровардан мамлакати моро обод мекунад, - таъкид мекард қаҳрамони матлаб.

Ин сиёсатмадор роҳи ягонаи ба истиқлолияти комили миллӣ расиданро дар тарғибу ташвиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ медонист. Таъкид мекард, ки ин падида бояд то ҳадде тарғибу ташвиқ карда шавад, ки дар дилу дида ва мафкураи на танҳо равшанфикрону зиёиёни миллат чун мафҳумҳои Модар, Ватан ҷой гирад, балки ҳар фарди тоҷик ин истилоҳро муқаддас шуморад. Суҳроб Шарипов на танҳо сиёсатмадори варзида, роҳбари корозмуда, балки донишманди хуб ҳам буд. Ба қалами ӯ китобҳои зиёд ва садҳо мақолаи илмӣ тааллуқ дорад.

Аз табори бузургон буда, соли 1963 дар хонаводаи олими машҳури тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Иброн Шарипов таваллуд шудааст. Баъд аз хатми мактаби миёнаи №77-и шаҳри Душанбе ба факултети фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дохил мешавад. Донишгоҳи мазкурро соли 1988 хатм карда, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун устод ба кор қабул гардид. Соли 1990 боз ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дохил шуда, соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи «Ҳад ва имкониятҳои озодӣ дар риштаи сиёсатшиносӣ» бомуваффақият ҳимоя намуд. То соли 1998 дар ҳамин донишгоҳ ба сифати корманди илмӣ кор кардааст.

Охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҳамроҳи И. Сатторов, ҳоло сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Германия, Р. Сафаров - эроншиноси маъруфи тоҷики муқими Федератсияи Россия, Х. Муҳаббатов - олим, муқими Москва, П. Муллоҷонов - сиёсатшиноси тоҷик ва дигарон нахустин созмони фарҳангии тоҷикон дар Федератсияи Россия «Суғдиён»-ро таъсис дода буданд. Онҳо дар ҳаёти иҷтимоии Федератсияи Россия ва ҳифзу муаррифии фарҳанги тоҷикон барои ҷаҳониён корҳои назаррасро анҷом доданд. Соли 1998 дар ҳаёти ӯ саҳифаи нав боз шуд. Ба Ватан баргашта, дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мудири шуъбаи сиёсати дохилӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Мавсуф чун олим, сиёсатшинос ва ватандӯст камол меёфт. Мақолаҳои рӯзмарраву мубрам ва нишонрасу ҳадафманди вай дар ҷомеа ҳамаҷониба дастгирӣ меёфтанд. Сабк, тарзи ифодаи фикр, хулосаронию натиҷагирӣ ва бардошти номбурда аз рӯйдодҳои ҷомеа аз андешаи дигарон фарқ мекарданд. Ба ибораи дигар дили номбурда бо забонаш як буда, алфозаш аз садоқату ҷасорат маншаъ гирифта буд. Номбурда яке аз коршиносони варзида ва таҳлилгари Созмони ҳамкории Шанхай маҳсуб меёфт. Дар байни олимон ва коршиносони Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҳиндустон, Муғулистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Туркманистон, Туркия ва ғайра аз обрӯю эътибори хос бархӯрдор буд. Мақола ва таҳлилҳои илмиюояндабинии вай дар ИМА, Франсия, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Полша, Австрия, сохторҳои таҳлилии СММ, СААД, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, ИДМ ва ғайра маълуманд. Чунин хислатҳои наҷибашро ба назар гирифта, ӯро муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари бахши таҳлилӣ таъин карданд. Баъдан ӯ ба ҳайси ёвари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа намуд.

Соли 2005 боз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор баргашт, вале ин дафъа чун роҳбари ин ниҳоди бонуфузи таҳлилӣ -ояндабинӣ. Дар ин мақом истеъдоди роҳбарӣ ва сифатҳои дигари вай чун олим ва таҳлилгар хубтар намоён гардид ва эътибораш дар ҷомеа афзуд. Дар давраи роҳбарии вай маркази зикршуда ба ниҳоди бонуфузи таҳлили масоили мубрами вобаста ба ҳаёти сиёсӣ - иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, робитаҳои байналмилалии сатҳи ҷаҳонӣ ваояндабинии равандҳои рушди ҷомеаи гуногун табдил ёфт. Сохторҳои бонуфузи таҳлилӣ ва илмии байналмилалӣ ба мазмуну моҳияти таҳлилуояндабинии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланд медоданд. Марказ як навъ ниҳоди илмӣ - тадқиқотӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Ҳукумат гардид. Мавсуф вазифаҳо ва ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро воқеъбинона ва боҷуръат таҳлилу арзёбӣ карда, шарҳу эзоҳ медод. Дар соли 2000 бо ибтикори вай дар Тоҷикистон нахустин Шӯрои илмии Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ дар илми сиёсатшиносӣ таъсис ёфт. Дар синни 37-солагиаш рисолаи илмиро ҳимоя карда, унвони доктори илмҳои сиёсатшиносиро гирифт. Ӯ даҳҳо шогирд, унвонҷӯ ва аспирантҳо аз Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Арманистон, Федератсияи Россияро тарбия карда, ба кори илмии онҳо роҳбарӣ намудааст. Дувоздаҳ нафар таҳти роҳбарии вай рисолаҳои номзади илм ва доктириро ҳимоя кардаанд. Аз он ҷумла ҳафт унвонҷӯ ва аспирант рисолаҳои номзадии худро зери роҳбарии бевоситаи ӯ омода карда буданд. Муаллифи ду монография ва бештар аз 500 мақолаи илмӣ-таҳлилӣ ва иштирокчии конфронсҳои зиёди илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ буд. Устоди равоншод унвони профессориро дар синни 50-солагӣ соҳиб шуд. Солҳои охири умр вакили Маҷлиси намояндагон буд ва дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд саҳми бориз гузошт.

Мутаассифона, марги нобаҳангом Суҳроб Шариповро 19-уми январи соли 2015 дар синни панҷоҳу дусолагӣ, дар давраи камолоти умр, эҷодкорӣ, амалисозии нақшаҳое, ки метавонистанд ба манфиати давлату миллат бошанд, аз миёни мо бурд.

Ҳарчанд ҳашт сол боз Суҳроб Шарипов дар байни мо нест, вале хотираву кори некаш дар қалбҳои мардум боқист.

**Рустам ҲАЙДАРОВ,**
**доктори илмҳои фалсафа**

---

Рисолат ва дастовард

# ГАВҲАРИ КАШФНОШУДА

## Барои муаррифии бахши сайёҳии кишвар чӣ корҳо амалӣ шуданд?

**Соли гузашта дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» маҷмӯи санадҳо ва меъёрҳои гуногуни ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. ки ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат мусоидат менамоянд.**

**Дар ин бора мудири бахши котиботи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдукарим Қурбонзод ба хабарнигори рӯзнома чунин ибрози андеша намуд:**

- Қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби пешбурди феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасони сайёҳӣ, тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасониҳои фаъолияти субъектони сайёҳӣ, конвенсияи қолабӣ оид ба одоби сайёҳӣ, тартиби истифодаи захираҳои сайёҳӣ аз ҷумлаи ибтикори дар ин самт амалигардида маҳсуб мешаванд. Ҳоло лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи сайёҳӣ, оид ба амалисозии «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Нақшаи рушди устувори сайёҳии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Низоми ёридиҳандаи омори сайёҳӣ TSA (Tourism Satellite Account)» мавриди баррасӣ қарор доранд.

Бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ як қатор иншооти сайёҳию хизматрасонӣ, аз ҷумла меҳмонхонаи «Румӣ ҳотел энд резиденс» дар шаҳри Душанбе, боғи фарҳангӣ-фароғатии «Темурмалик» дар шаҳри Гулистон, хона-музейи Ҷалолиддини Балхӣ ва мақбараи Ҷалолиддини Балхӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, меҳмонхонаи «Панҷакент-плаза» дар шаҳри Панҷакент, маркази савдо ва хизматрасонии «Амид» дар шаҳри Хуҷанд ва Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол», тарабхонаи бразилии «Латина-Душанбе» дар шаҳри Душанбе, боғи марказии фарҳангию фароғатӣ дар ноҳияи Панҷ мавриди истифода қарор дода шуданд. Тибқи маълумоти расмӣ, дар ҷумҳурӣ дар соли 2022-юм 183 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 6 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 21 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 16 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 3 меҳмонхонаи 2 ситорадор, 2 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 135 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд. Дар ин давра 29 хостел ва мотелҳо, 51 осоишгоҳ, 6 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 8 хонаи истироҳатӣ, як кемпинг ва 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ ба меҳмонон хизмат расониданд. Соли 2022 дар мамлакат 236 ширкати сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 ширкат зиёд мебошад.

Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони соҳаи сайёҳӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ дар намоишгоҳҳои калонтарини сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар Федератсияи Россия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Япония, Британияи Кабир ва Ӯзбекистон баргузор шуданд, иштирок намуданд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ то имрӯз бо Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Урдун, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Россия, Швейтсария, Франсия, Қувайт, Туркманистон, Эрон, Покистон ва Беларус созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонид. Дар маҷмӯъ, санадҳои имзошуда 13 ададро ташкил медиҳад. Лоиҳаи беш аз 20 санади ҳамкорӣ бо Ҳиндустон, Малайзия, Словакия, Руминия, Британияи Кабир, Италия, Кореяи Ҷанубӣ, Миср, Туркия, Олмон, Канада, Полша, Сингапур, Хитой, Япония, Сербия, Филиппин, Тунис, Исроил, Умон, Арабистони Саудӣ, Бразилия, Қатар, ИМА, Шотландия ва Ирландияи Шимолӣ мавриди корбарӣ қарор доранд.

Дар замони муосир воситаҳои ахбори омма муаррифгари асосии захираҳои сайёҳӣ мебошанд. Дар ин замина, пахш гардидани барномаҳои тарғиботӣ аз ҷониби шабакаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ баҳри муаррифии соҳаи сайёҳии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва баланд гардидани эътимоди сайёҳон барои сафар ба Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳӣ барои шабакаҳои телевизионии кишвар ва дигар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ беш аз 50 ролики сайёҳӣ оид ба назокату зарфиятҳои сайёҳии кишвар таҳия гардид. Дар ин давра барои филмбардорони Олмон ва рӯзноманигорону блогерони Арабистони Саудӣ ва Эрон пресс - турҳо ташкил гардид. Сомонаи кумита бо номи www.ctd.tj ва портали миллии сайёҳӣ www.traveltajikistan.tj фаъол буда, пайваста маълумоти зарурӣ ҷой дода мешаванд. Бо мақсади муаррифии ҳар чӣ бештари имкониятҳои сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонӣ ба меҳмонону сайёҳон дар соли 2022 дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 8 конфронс бо ҷалби коршиносону мутахассисони соҳа ва субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ташкил гардид. Солҳои охир идҳои миллии анъанавӣ ҳамчун бренди сайёҳӣ муаррифӣ гардида истодаанд. Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ зикр намуданд, ки таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ шавад. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидааст. Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад. Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар сайёҳ, аз ҷумла соли 2022 як миллион, ворид гардидаанд.

Муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ аз ҷониби ҳайати Тоҷикистон дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ, баргузор намудани форум, намоишгоҳ ва фестивали байналмилалӣ дар арафаи Наврӯзи байналмилалӣ, таҳия ва интишори бештари маводи иттилоотию тарғиботӣ вобаста ба зарфиятҳои сайёҳии кишвар дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷалби сармоя ҷиҳати рушди инфрасохтори соҳа дар минтақаҳои дурдасти сайёҳӣ, омода кардани мутахассисони соҳибтаҷриба ва бозомӯзии кадрҳо дар дохил ва хориҷи кишвар аз ҷумлаи ибтикоре мебошанд, ки амалӣ гардиданашон минбаъд ҳадафи асосӣ маҳсуб мешаванд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413320 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» | Чопи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», теъдод – 12 шумора дар як сол, адади нашри як шумора – 6000 дона, теъдоди умумӣ - 72000, андоза - А4, 64 саҳифа бо муқова | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 28.01.2023 10:55:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисорӣ (Гиссарская), бинои 19/1, квартираи 51 таҳти қайди 14662 ба Парвизи Маҳмадӣ додааст, эътибор надорад.

✓Муҳр ва сиккаи гумшудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-уми деҳаи Пошхарви ноҳияи Дарвоз эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи А №212778-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1994 ба Собиров Далер Ахмадҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯш таҳти қайди 803-9-3432-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии сеюми шаҳри Душанбе 11-уми ноябри соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин, бинои 13, квартираи 28 ба Чеканова Людмила Григорьевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи силсилаи А 1592366-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон 6-уми сентябри соли 2001 ба Мамасаидов Эркинбой Менглиевич (санаи таваллудаш - 21-уми апрели соли 1973) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш- 2636-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 18-уми августи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 20/1, квартираи 79 ба Садиков Асан Масодикович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе таҳти қайди 8Д- 4-1325 санаи 26-уми декабри соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 93/2, квартираи 30 ба Абулҳаев Владимир Ҷалолович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДТО №0071489-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат таҳти қайди 4271 соли 2010 ба Нишонова Шахноза Абдуваитовна додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини сохтмони маҷмӯи фурӯши маводи сӯзишворӣ, хизматрасонии техникӣ ва маишии дараҷаи А 0465000-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён таҳти қайди 2285 санаи 11-уми июни соли 2014 ба Ғафуров Ғафур додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии ноҳияи Рӯдакӣ таҳти варақаи қайди №13852 - 13853 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар ба Гаримадов Мирзохон додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ховарон 14-15, қитъаи 8 ба Ёқубов Орифҷон Турахонович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, микроноҳияи 192, маҳаллаи Хайробод, квартираи 57 ба Усмонов Бурҳон Астулоевич додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0082777-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ваҳдат соли 2017 дар асоси Қарори раиси шаҳри Ваҳдат аз 5-уми августи соли 2016, №1189 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Чӯянгарон, деҳаи Лиҷак ба Очилдиев Маруфалӣ Карамович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0482764 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 22-юми ноябри соли 2021 ба Абдукаримова Мавлуда Нуриддиновна (РМА 046418979, РЯМ 0331445840) додааст, эътибор надоранд.

✓Шиносномаи техникии биноҳои ёрирасони хоҷагии Н. Раҳимови гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти рақами кадастрии 07-003-001515-02 санаи 27-уми феврали соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Тезгари Поён ба Азизов Суҳроб додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Чашмасор», ки 29-уми июни соли 2010 дар Нозироти андози ноҳияи Файзобод ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дорои РЯМ 1410001175 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АА Ломбард», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266697 ва РЯМ 0410027375, РМА 040048065 буда, 18-уми марти соли 2015 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қисмҳои эҳтиётии гидравликӣ» (РЯМ 0310020004) фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 10-уми феврали соли 2023 озмуни №2-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 8-ум | маъмурӣ | 3000 | 1 сол |
| 2 | КВД «Савдои ҳарбӣ»-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 31 | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби бинои қисми ҳарбии 0127 | савдо | 4000 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ - 25 | масоҳати 23 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 2208 | 1 сол |
| 4 | Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 21 | масоҳати 19 м$^2$ аз ҳисоби бино | нуқтаи фурӯши китобҳо | 4800 | 1 сол |
| 5 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и ноҳияи Рашт | шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин | масоҳати 50 м$^2$ аз ҳисоби бинои таълимӣ | хӯроки умумӣ | 5000 | 1 сол |
| 6 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 14а | масоҳати 168 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | таълимӣ | 15840 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик» | шаҳри Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев - 17 | масоҳати 50,8 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | савдо | 7200 | 2 сол |
| 8 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Мастонгулов - 32/2 | масоҳати 77,46 м$^2$ аз ҳисоби бинои аэровокзал | хизматрасонӣ ва савдо | 20500 | 2 сол |
| 9 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Мастонгулов - 32/2 | масоҳати 283,88 м$^2$ аз ҳисоби бинои Терминали №1 | хизматрасонӣ ва савдо | 75000 | 2 сол |
| 10 | КФ «Корхонаи мошинсозӣ»-и КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Опланчук - 12 | масоҳати 525 м$^2$ аз ҳисоби бинои сехи оҳангудозӣ ва масоҳати 500 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бино | истеҳсолӣ | 43050 | 3 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59 | масоҳати 40,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои №5-и марказ | хизматрасонии тиббӣ | 11800 | 3 сол |
| 12 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Мусобеков - 20 | масоҳати 60 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди минтақаи муҳофизати захбурии байнихоҷагии К-2 | савдо | 1440 | 3 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 17 | масоҳати 116 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо | 13800 | 3 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №4 бо масоҳати 42 м$^2$ аз ҳисоби бинои №25А | анбор | 10800 | 3 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 40 м$^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бинои таълимии №1, воқеъ дар микроноҳияи 20, хиёбони Исмоили Сомонӣ | савдо | 4850 | 1 сол |
| 16 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 5,25 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои таълимии №2 | савдо | 750 | 1 сол |
| 17 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 9,2 м$^2$ аз ҳисоби дӯкони маводи хӯроквории №8 | савдо | 9584 | 1 сол |
| 18 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 54 | масоҳати 36,64 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 21996 | 1 сол |
| 19 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби боми бинои хобгоҳи №7 | техникӣ | 3025 | 1 сол |
| 20 | ҶСК «Ҳавотоғ» | вилояти Суғд, деҳаи Ниҷонӣ, мавзеи Ҳавотоғ | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 12000 | 1 сол |
| 21 | Бино ва иншоотҳои филиали сехи ресандагию бофандагии ҶСП «Ресмон» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Суғд, ш.Конибодом, шаҳраки Ниёзбек | масоҳати бино 5265,4 м$^2$ дар қитъаи замини 30275 м$^2$ аз ҳисоби филиал | истеҳсолӣ | 100000 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 22 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Хатлон, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, кӯчаи Сомониён, хонаи 54 | масоҳати қитъаи замин - 1123 м$^2$, масоҳати бино - 325 м$^2$ | манзили зист | 13500 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 23 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Хатлон, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти Чубек, деҳаи Чойлобкамар | масоҳати қитъаи замин - 905 м$^2$, масоҳати бино - 104 м$^2$ | манзили зист | 10000 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 24 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | вилояти Суғд, ноҳияи Деваштич, деҳаи Янгиариқи поён | масоҳати қитъаи замин - 1500 м$^2$, масоҳати бино - 428,8 м$^2$ | манзили зист | 13500 | то ҳолати фурӯши иншоот |
| 25 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 3 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона барои гузоштани як адад дӯкон | савдо | 4000 | 1 сол |
| 26 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 31 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди қисми ҳарбии 0120, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Арбобхотун | техникӣ | 12000 | 1 сол |
| 27 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди варзишгоҳи «Металлург» | техникӣ | 1212 | 1 сол |
| 28 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | утоқи кории №45 бо масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 690 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1. Тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волояти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 18 январи соли 2023, соати 19:15 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35485 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров